ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

ба диссертатсияи Сабурзода Фаридуни Мирзоали дар мавзуи "Танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст.

Сабурзода Фаридуни Мирзоали соли 2013 ба ихтисоси 25010400 - молия ва қарз, гурӯҳи буҷавӣ, шуъбаи рӯзонаи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил гардидааст. Номбурда аз соли аввали таҳсил маҳорати баланди худро нишон дода, дар корҳои таълимию тарбиявӣ фаъолона иштирок намудааст. Соли 2018 ӯ ихтисоси номбурдаро бо дипломи аъло хатм намудааст. Ҳамзамон, барои идомаи таҳсил соли 2019 ӯ ба шуъбаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси молия ва қарз дар гурӯҳи буҷавӣ дохил шуда, онро соли 2021 бо дипломи аъло хатм намудааст.

Соли 2021 баъди хатми зинаи магистратура Сабурзода Фаридуни Мирзоали барои ҳимояи кори илмии хеш дар мавзуи "Танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир" ба ҳайси докторанти PhD, доктор аз рӯи ихтисоси 6D050900 – "Молия"-и назди кафедраи молия ва суғуртаи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар гурӯҳи буҷавӣ қабул шудааст ва онро соли 2024 бомуваффақият хатм намудааст. Дар вақти таҳсил дар зинаи докторантураи PhD Сабурзода Фаридуни Мирзоали, ҳамзамон, ба фаъолияти омӯзгорӣ дар кафедраи молия ва суғуртаи ДМТ машғул буд ва дар ин муддат ӯ худро ҳамчун омӯзгори болаёқат ва меҳнатдӯст нишон додааст. Аз моҳи сентябри соли 2025 то ҳол дар вазифаи муовини декан оид ба корҳои тарбиявии факултети молиявию иқтисодии ДМТ фаъолият намуда истодааст. Бо ҳамаи устодон муносибати хуб дошта ва пайваста донишу малакаи хешро такмил медиҳад.

Докторант ҳангоми иҷрои кори илмӣ дар интихоб, ҷамъоварӣ ва омӯзиши адабиёти ба мавзуи диссертатсия алоқаманд дараҷаи баланди мустақилиятро нишон дода, дар кори худ усулҳои мантиқӣ, таҳлилӣ, иқтисодию оморӣ, графикӣ, коршиносӣ, муқоиса ва дигарҳоро истифода кардааст. Ӯ доир ба паҳлуҳои ҷудогонаи мавзуъ ва бахшҳои асосии диссертатсия 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

Ҳангоми омода намудани диссертатсия докторант саривакт супоришҳои илмии роҳбарро иҷро мекард ва худро ҳамчун таҳқиқотгари масъулиятшинос нишон дода тавонист. Ҳамаи ин ба ӯ имкон дод, то натиҷаҳои илмии бадастомадаро ҳаматарафа таҳлил намуда ва шарҳ диҳад, истифодаи методҳои зарурии таҳқиқотиро дар раванди кори илмӣ мустақилона муайян ва асоснок намояд. Ҳамчунин ӯ ба эродҳо, тавсия ва нишондодҳои роҳбари илмӣ бо таваҷҷуҳи хоса муносибат карда, саъй намудааст, ки мавзуи таҳқиқоти худро ҳамаҷониба омӯхта ва таҳқиқ кунад.

Таҳқиқот ва таҳлили илмӣ-амалии муаллифро дар зинаи таҳсил дар докторантура (PhD) ҷанбаҳои гуногуни назариявию методологии танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир фаро гирифтааст.

Аҳамияти мавзӯи интихобнамудаи докторант бо зарурати баланд бардоштани самаранокии идоракунии молияи давлатӣ, навсозии сиёсати андоз ва буҷет, рушди бозори молиявӣ ва таҳкими институтҳои назорати молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меафзояд. Аз ин рӯ зарурати мутобиқ намудани механизмҳои миллии танзими молиявӣ ба шароити ноустувории ҷаҳонӣ аҳамияти хоса дорад. Танзими молиявӣ унсури асосии сиёсати иқтисодии давлат мебошад, ки ба таъмини субот ва рушди устувори низоми молиявӣ нигаронида шудааст. Мушкилоти муосири иқтисоди ҷаҳонӣ, дараҷаи баланди номуайянӣ ва пайвастагии афзояндаи бозорҳои молиявӣ аз нав дида баромадани асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули танзими самараноки молиявиро тақозо мекунанд.

Докторант Сабурзода Фаридуни Мирзоали ҳангоми навиштани диссертатсия асосҳои назариявӣ ва равишҳои методологии танзими молиявии иқтисодиётро дар сатҳи хуби илмӣ омӯхта, асарҳои илмии олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷиро оид ба танзими молиявии иқтисодиёт ҷудо намуда, дар таҳқиқоти худ истифода кардааст. Ҳамчунин, ӯ бо таҳлил ва баҳодиҳии вазъи муосири танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон механизмҳо, шаклҳо ва усулҳои асосиро муайян кардааст. Яке аз ҷиҳатҳои мусбии таҳқиқот пешниҳодҳои муаллиф доир ба механизмҳои такмилёфтаи танзими молиявӣ мебошад.

Диссертатсия сохтори мантиқии хуб дошта, мақсад ва вазифаҳои он дуруст тарҳрезӣ шудаанд, бо забони илмии фаҳмо омода гардида, хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф илман асоснок карда шудаанд. Навгонии илмии таҳқиқот дар асоснок кардани ҷанбаҳои назариявию методологӣ

ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба танзими молиявии рушди иқтисодиёт ифода меёбад.

Натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия тахияшуда метавонанд ҳангоми коркард ва такмилдиҳии механизмҳои танзими молиявии иқтисодиёт аз ҷониби кормандони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ниходҳои молиявии танзимкунандаи иқтисодиёт ба кор бурда шаванд.

Ҳамин тавр, дар асоси гуфтаҳои боло чунин мешуморем, ки Сабурзода Фаридуни Мирзоали вазифаҳо оид ба расидан ба мақсади таҳқиқотро бомуваффақият иҷро кардааст. Диссертатсияи ӯ таҳқиқоти илмии мантиқан баанҷомрасида ва мустақилона иҷрошуда, дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошад.

Сохтор, мухтаво ва сифати дисертатсияи омоданамудаи Сабурзода Фаридуни Мирзоали дар мавзуи «Танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори (PhD), доктор аз рӯи ихтисос ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) тавсия дода мешавад.

Роҳбари илмӣ: академики
АБН ФР, д.и.и., профессор,
ректори Муассисаи байнидавлатии
таҳсилоти олии “Донишгоҳи
славянии Тоҷикистон – Россия” **Иброҳимзода И.Р.**

Дурустии имзои Иброҳимзода И.Р.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳои
Муассисаи байнидавлатии
таҳсилоти олии “Донишгоҳи
славянии Тоҷикистон – Россия” **Исмоилова М.Н.**

26.01.2026с.